«Тасдиқ мекунам»

Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ________ Шарифзода М.М.

«____» __________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Рисолаи номзадии унвонҷӯ Файзиев Спитамен Абдулҳақович кори илмии анҷомёфта эътироф мешавад, муаллиф мавзӯи мазкурро ҳаматарафа таҳқиқ намуда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» диққати хоса зоҳир намуда, муҳтавои корро ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқ намуда омода сохтааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Муаллифи диссертатсия аз рӯи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илман асосноки ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмии вобаста ба мавзуъ интишорнамуда, маърӯзаҳои дар конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намуда саҳми назарраси илмӣ дорад. Саҳми шахсии муаллиф баъд аз мутолиаи диссертатсия аз рӯи масъалагузорӣ, тарзи дурусти ҷумлабандӣ, пешниҳоди таклифу тавсияҳои илмӣ, овардани мисолҳои мушаххаси амалӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳуриҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил бевосита дида мешавад. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ Файзиев С.А. дар мақолаҳои нашрнамуда ва маърӯзаҳои дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намуда пешниҳодҳои ҷолиб барои такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, дар соҳаи амалинамоии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил баён гардидааст.

Маврид ба зикр аст, ки рисоланавис доир ба ҳалли масъалаҳои назариявии мавзуи баррасишаванда ба муваффақиятҳо ноил гардидааст ва тавсияҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо минбаъд метавонанд дар такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ саҳми босазо гузоранд:

а) муаллиф дар қисмати нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда чунин баён намудааст, ки баррасӣ ва таҳлили таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ гувоҳӣ медиҳад, ки он дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон аз замонҳои аввали давлатдории тоҷикон бо хусусиятҳои хоси худ ҷой дошт. Қайд кардан зарур аст, ки ба шакли имрӯзаи ташаккулёбии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба дахлнопазирии манзил бори аввал дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1931 муқаррар гардида буд. Меъёри қонуни ҷиноятӣ, ки бевосита ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил пешбинӣ менамуд бори аввал соли 1961 ба Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ворид гардида буд. Эълон гардидани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 дар таърихи давлату миллати мо саҳифаи нав кушода имкон дод, ки ҳуқуку озодиҳои шаҳрвандон васеъ карда, онро бо мазмуни нав мутобиқи талаботҳои меъёрҳои байналмилалӣ илова карда шаванд. Соли 1998 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда дар моддаи 147 Кодекси

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни кирдоре, ки вайрон кардани дахлнопазирии манзил ё дигар моликияти шахсро ташкил медиҳад муайян гардид. (саҳ. 14).

б) муваффақияти дигаре, ки рисоланавис ба он ноил гардидааст ин муайян намудани объекти бевосита ва иловагии ҷинояти дар моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида мебошад. Унвонҷӯ пешниҳод менамояд, ки объекти бевоситаи моддаи 147 КҶ ҶТ чунин муайян карда шавад: "Муносибатҳои вобаста ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳаёти шахсӣ дар робита ба таъмини дахлнопазирии манзил". Ҳамин тавр дахлнопазирии манзил маънои онро дорад, ки дастрасии ҳама гуна шахсони бегона ба манзил танҳо бо ризоияти шахсони дар он истиқоматкунанда сурат мегирад ва дахлнопазирии манзил ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ алоқамандии зич дорад, ҳамзамон он яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад. Объекти иловагии воситаи таркиби бандубастшавандаи қисми 2 моддаи 147 КҶ ҶТ фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё давлатӣ ва саломатии инсон эътироф мегардад. (саҳ. 15).

в) рисоланавис дар таҳқиқоти диссертатсионии худ объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии вайрон намудани дахлнопазирии манзилро мавриди таҳлил қарор дода, вобаста ба паҳлуҳои мухталифи элементҳои мазкури таркиби ҷиноят андешаҳои худро иброз намудааст. Аз ҷумла, дар қисмати хулосавӣ вобаста ба таҳлили тарафи объективии ҷиноят, муаллиф пешниҳод менамояд, ки тарафи объективии ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил ҳолаҳои зеринро дар бар мегирад: маҳрум намудани ғайриқонунӣ, дахолати ғайриқонунӣ, даромадани ғайриқонунӣ, кофтуков, мусодира ва тафтиши ғайриқонунӣ, мушоҳида (аудио, видео) дар манзил ҳам дар дохил ва ҳам берун аз он, риоя накардани тарк кардани манзил, ғайриқонунӣ истифода бурдани манзилҳо ва дигар объектҳои моликияти манзил бар хилофи иродаи соҳиби қонунӣ. (саҳ. 133).

Дар қисмати ҷамъбастгардидаи рисола, хулоса кардан мумкин аст, ки рисоланавис дар ҳалли масъалаҳои илмии вобаста ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил муваффақ гардида, нуктаҳои илмиеро пешниҳод кардааст, ки дар воқеъ асоснок ва такмилбахшандаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо дар он ифода меёбад, ки рисола оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил таҳқиқоти мукаммалӣ ба натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ноилгардида ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби муаллиф дар рисола бори аввал мафҳум, асос ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, дар асоси қонунгузории амалкунанда ва таҳлили муқоисавии он бо қонунгузории кишварҳои узви ИДМ мавриди таҳлил қарор дода шуда, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, инчунин намудҳои бандубастшавандаи ҷинояти мазкур мавриди омузиш ва хулосабарорӣ қарор дода шудаанд. Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷшуда, ба такмили конунгузории ҷиноятии амалкунанда равона гардида, масоили ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар бар мегирад.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил равона гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд перомуни такмил додани меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ мусоидат намуда, дар амалия тартиби танзими ҷавобгарӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, зимни фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомот ҷиҳати дуруст татбиқ намудани он, васеъ истифода

гарданд. Ҳамчунин, таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода бурда шавад.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои каблӣ метавон чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намуд, ки барои он метавон ба довталаб дараҷаи илмӣ дода шавад:

– дар нуктаи панҷуми илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ аз қисми 1 моддаи 147 КҶ ҶТ хориҷ намудани иборан "касеро аз манзилаш маҳрум кардан" мувофиқи мақсад мебошад. Зеро ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудан поймолкунии ҳуқуқи молу мулкии шахс буда ба ҳуқуқи дахлнопазирии манзил робита надорад. Ғайриқонунӣ маҳрум кардани шахс аз манзил бо дарназардошти мазмун аз доираи объекти ҳифзи моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун мебарояд, зеро он на дахлнопазирии манзил, балки ҳуқуқи шахс ба моликиятро поймол мекунад. Бинобар ин, чунин кирдорҳо бояд бо дигар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз карда шаванд. Диспозитсияи моддаи 147 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир дода шуда ба он иборан "ғайриқонунӣ кучонидан ё маҷбуран аз манзил баровардан"- ро ворид намудан зарур аст, зеро ин муқаррарот ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии манзилро фаро мегирад, ғайр аз он, мувофиқи қонунгузории амалкунанда кучонидан ё маҷбуран аз манзил баровардани шаҳрванд танҳо бо қарори асосноки суд дар мавридҳои пешбининамудаи қонун сурат мегирад.

– дар нуктаи ҳафтуми пешниҳодҳо, муаллиф андеша дорад, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи "манзил" ба маънои маҳдуд шарҳ дода шудааст. Бинобар ин, дар моддаи 147 КҶ ҶТ калимаи "манзил" – ро ба мафҳуми васеи он калимаи "истиқоматгоҳ" иваз кардан лозим мебошад ё пас аз навиштани калимаи "манзил" дар қавс калимаи "истиқоматгоҳ" навишта шавад.

Бо дарназардошти пешниҳодҳои зикргардида ва бо мақсади мукаммалгардонии ҷавобгарии ҷиноятӣ, қонуни ҷиноятӣ дар таҳрири нав пешниҳод намудани моддаи 147 КҶ ҶТ – зарур мешуморем:

Моддаи 147. Вайрон намудани дахлнопазирии манзил (истиқоматгоҳ).

1) Ғайриқонунӣ даромадан ба манзил (истиқоматгоҳ) бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда ё тарк накардани манзил бо талаби онҳо, инчунин ғайриқонунӣ кучонидан ё маҷбуран аз манзил баровардан.

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

в) бо истифодаи мақоми хизматӣ;

г) бо ғайриқонуни васл намудани воситаҳои гӯшандозӣ ё дигар воситаҳои махсус дар манзили истиқоматӣ содир шудааст,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то ҳафт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мӯҳлати панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Эъзоҳ: Дар зери мафҳуми манзил (истиқоматгоҳ) дар ҳамин ва дигар моддаҳои ҳамин Кодекс биноҳои истиқоматии инфиродие фаҳмида мешавад, ки новобаста аз шакли моликият биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, ки ҳам ба фонди манзил дохиланд ва ҳам ба фонди манзил дохил карда нашуда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ ё мутобиқ карда шудаанд, инчунин дигар бино ё иншооте, ки дар шафати манзил ва қисми таркибии он буда, барои истиқомати муваққатӣ таъин, мувофиқ ё мутобиқ карда шудаанд. (саҳ. 17).

Муаллифи рисолаи илмӣ дар ин қисмати таҳқиқот, ки нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд ба

дастовардҳо муваффақ шудааст ва ба дараҷаи илмии дархостшаванда лоиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои баёнгардида, дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл иброз намуд мумкин аст:

1. Зербоби аввали боби якуми диссертатсияро муаллиф ба таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшидааст. Унвонҷӯ Файзиев С.А. қайд менамояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1926 – 2022-ро дар бар мегирад. Дар зербоби мазкур масъалаи гузошташуда аз ҷониби муаллиф ба таври умумӣ таҳлил гардида доир ба фарқият, умумият ва бартарии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ дар давраҳои таҳлилгардида мушаххас зикр нагардидаанд. Нисбати масъалаи мазкур, муаллиф ҳангоми ҳимояи рисола мушаххас андешаашро баён менамуд.

2. Муаллиф дар руйхати адабиёти истифодашуда олимони ватанӣ ва асарҳои онҳоро зикр намудааст, аммо дар дохили рисола аз асарҳои олимони ватанӣ вобаста ба мавзу кам истифода намудааст. Илми ватанӣ дар он сурат инкишоф меёбад, ки агар ҳангоми навиштани рисолаҳои диссертатсионӣ таваҷҷуҳи бештар ба олимони дохилӣ карда шавад. Вобаста ба ин, аз муаллиф мехостем бифаҳмем, ки сабаби асосии ба таври дахлдор истифода нагардидани асарҳои олимони ватании дар руйхати адабиёти диссертатсия нишондодашуда дар чист?

3. Муаллиф дар диссертатсия пешбинӣ намудааст, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва бартараф намудани мушкилоти амалияи судӣ вобаста ба ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳақиқат, нисбати масъалаи баррасишаванда мушкилоти зиёди амалӣ вуҷуд дорад. Ҷинояти мазкур аз ҷониби ҳам шаҳрвандон ва ҳам кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

содир карда мешавад. Аз таҳлили ҳамаҷонибаи диссертатсия бармеояд, ки дар он парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба мавзу камтар мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз ин лиҳоз, аз муаллиф пурсида мешавад, ки сабаби омӯзиши шумораи ками парвандаҳои ҷиноятӣ дар рисолаи илмӣ дар чист?

Масъалаҳои баҳснок, эрод ва норасоиҳои баёнгардида ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро паст намекунад, балки замина барои корҳои илмии минбаъда муҳайё менамоянд.

Муҳтавои диссертатсия дар автореферат ифода ёфтааст. Дар автореферат мазмуни мухтасари боб ва зербобҳо, натиҷаҳои асосии таҳқиқот нишон дода шудааст, ки пурра ба диссертатсия мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия маҳсули меҳнати муаллиф ба ҳисоб меравад, ки мустақилона омода карда шудааст, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилиро соҳиб мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Файзиев Спитамен Абдулҳақович ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси

12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ аз 22 декабри соли 2023, таҳти № 5).

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Муллоҷонова Нигора Абдуманноновна, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08) омода шуда, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдори шудааст. Суратҷаласаи кафедра аз 25 декабри соли 2023, таҳти № 5. Дар ҷаласаи кафедра аз 14 нафар иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра аз 25 декабри соли 2023, таҳти № 5.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қобилов Б.Қ.

**Ташхисгар:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Муллоҷонова Н.А.

**Котиби ҷаласа:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ахмедов Н.И.

**«Имзои Қобилов Б.Қ., Ахмедов Н.И.**
**ва Муллоҷонова Н.А.-ро тасдиқ менамоям»:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**«25» 12 соли 2023**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» 735700, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н, х. 1: Тел.: +992 (3422) 2-38-11 Факс. +992 (3422) 2-51-70; сомона: Email: tsulbp@rambler.ru. www.tsulbp.tj